“Тасдиқ менамоям”
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ____________
«__16__» ____06____ соли 2025

**Хулосаи**
Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шаркӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҳматов С.Ҳ. унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ ба шумор мерафт.

Раҳматов Сулаймон Ҳасанович соли 1993 ба факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси олим агроном хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ №45 х/ш аз “30” апрели соли 2015 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ қабул шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионӣ дар Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Протоколи №3 аз “31” марти соли 2015 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Инчунин роҳбари илмии унвонҷӯ – Камолов Нурмаҳмад, номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ таъин карда шудааст.

Раҳматов С.Ҳ. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 03.06.2025 бо баҳои 4, забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 05.06.2025 бо баҳои 4 супоридааст.

Диссертатсияи Раҳматов С.Ҳ. дар ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо аз “10”- уми апрели соли 2025, Протоколи №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» чунин хулоса қабул карда шуд:

**- мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия:**

Соҳаи тадқиқотии мавзуи диссертатсионӣ хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ буда, мазмуни диссертатсия ва тадқиқотҳои иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

**- алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзуи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои афзалиятноки тадқиқотӣ – илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ аз ҷумла:

1 Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, №424 аз 3 июли соли 2014.

2. Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, № 483 аз 20.10.2016.

3. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27-уми марти соли 2018, №165, дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №793, аз 30-юми декабри соли 2015 оид ба "Барномаи навбатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2016-2020".

Инчунин тадқиқотҳо мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии корҳои илмӣ- тадқиқоти шуъбаи мевапарварӣ ва бутамевагиҳо барои солҳои 2016-2020 дар мавзуи "Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзиҳо, ситрусиҳо буттамевагиҳо, такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ "РКД 0121 TJ1135 иҷро гардидааст.

**- мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он:**

Натиҷаҳои тадқиқот дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назарявии АИКТ ва 1 мақола дар конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**- мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо:**

Тадқиқотҳо тайи солҳои 2016-2018 гузаронида шудаанд ва ҳамасола таҷрибаҳои саҳроӣ аз ҷониби комиссияи апробатсионии Институти боғу токпарварӣ ва сабзаворкории АИКТ бо иштироки намояндагон аз дигар муассисаҳои илмии АИКТ дидан намуда, баҳогузорӣ карда шудааст. Натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи Шурои олимони муассиса баррасӣ гардидааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқотҳои илмӣ асос ёфтаанд, ки бо усулҳои муосир таҳлил гардидаанд. Инчунин натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои тақризшаванда аз ҷумла: конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ "Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ" бахшида ба 30– солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорф", Душанбе 2021, АИКТ, Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028» Душанбе-2022, Маводҳои конфренсияи илмии назариявии байналмилалӣ дар мавзуъи «Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка» Душанбе- 2022 ва ғайраҳо баррасӣ ва муҳокима шудаанд.

Натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо дар омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шаркӣ дар масоҳати 21 гектар дар хоҷагии таҷрибавии Сунбула, 10 гектар дар хоҷагии ҶДММ "Боғи 15-солагии Истиқлолияти Ҷумхурии Тоҷикистон"-и шаҳри Ҳисор татбиқ гардида, аз тарафи раёсати кишоварзии шаҳри Ҳисор, санади татбиқ имзо ва муҳр карда шудааст.

**- саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан, интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ аз ҷумла асосноккунии назариявӣ, амалии самти интихобшуда ва усулҳои тадқиқот, инчунин ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва татбиқи натиҷаҳои ба даст омада иборат мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва нашри мақолаҳо аз ҷониби муаллиф дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос мекунад. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ аслияти матни диссертатсия ба 86,3% баробар мебошад.

Диссертатсияи Раҳматов С.Ҳ. дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» ба ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи

ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд:

**Банди 1, қисми 2.** Ба вуҷуд овардани маводҳои нави ибтидоӣ барои селексия, такмилдиҳии усул, тарзҳои мавҷудбуда дар корҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ.

**Банди 2.** Барои селексия муҳайё намудани намудҳои растаниҳо бо аломат нав ва хусусиятҳои пурқимати хоҷагӣ бо ёрии омӯзиши усулҳои гуногун ва асосноккунии навъҳои нав ва гибридҳо, коркарди усулҳои нав, такмилдиҳии усул, тарзҳои мавҷудбуда дар корҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ.

**Банди 3.** Захираҳои растанӣ ҳамчун маводи ибтидоӣ барои селексия

**Банди 4.** Методика, усул, тартиби равишҳои селексионӣ, тухмипарварӣ, (пайвандкунӣ, тарзҳои интихоби селексионӣ ва тухмипарварӣ, баҳодиҳи ва сақаткунӣ).

**Банди 5.** Усул ва тарзҳои ошкор кардани хусусиятҳои пурқимати хоҷагии маводҳои селексионӣ ва тухмӣ (кӯчатҳо). Коркарди шартҳои минтақабандии навъҳо (гибридҳо) ва ҷобаҷогузории минтақавии тухмиҳои зироатҳо ва хоҷагиҳои тухмипарварӣ, агротехникаи маводҳои селексионии киштшаванда бо назардошти хусусиятҳои минтақавии экологӣ-ҷуғрофӣ.

Диссертатсияи Раҳматов С.Ҳ. аз муқаддима, 5 боб, 24 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,13 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. **Раҳматов С.Ҳ** Сабзиш ва қадкашии ниҳоли навъу намунаҳои хурмои шарқӣ вобаста аз тагпайванд / С.Х. Раҳматов// Гузоришҳои АИКТ, 2017-№1 (51).- С. 28-31.

**[2-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Степень морозоустойчивости саженцев хурмы восточной в зависимости от водного режима почвы / С.Ҳ. Раҳматов// Доклады ТАСХН, 2019.-№ 1(59).- С.32-34.

**[3-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Рушду нумуъи ниҳоли хурмои шарқӣ дар шароити водии Ҳисор / С.Ҳ. Раҳматов, Н. Камолов // Гузоришҳои АИКТ, 2021-№1 (67).-С. 39-42.

**[4-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Причины осыпания плодов хурмы восточной и меры его предотвращения в условиях Гиссарской долины / С.Ҳ. Раҳматов // Известия НАНТ, 2021,-№4. - С54-59.

**[5-М]. Раҳматов С. Ҳ.** Маҳсулнокии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Вахш ва Ҳисор / С.Ҳ. Раҳматов // Кишоварз ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур - 2023 -№1(98).- С.78-80.

**[6-М]. Раҳматов С. Х.** Пример применения водного раствора серебра при хранении овощей и фруктов / С.Ҳ. Раҳматов, Г.М. Бобизода, Р.У. Эшанкулова // Наука и инноватция ТНУ, 2023,-№1. – С. 91-100.

**[7-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Сравнительное изучение роста и развития хурмы восточной в регионах с различными климатическими условиями / С.Ҳ. Раҳматов // Доклады ТАСХН, 2024,-№ 4. – С. 71-75.

**[8-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Касалӣ ва ҳашаротҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш ва чораҳои пешгирии онҳо /С.Ҳ. Раҳматов // Гузоришҳои АИКТ, 2024 - № 4.- С.85-89.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар чопшуда:**

**[9-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Хусусиятҳои биологӣ ва нашъунамои навъу намунаҳои хурмои шарқӣ. / С.Ҳ. Раҳматов, М.Табарова // Маводи конф. илмию амалии ҷумҳуриявӣ “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” -2021.- С. 50-53.

**[10-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Таъсири зичии тагпайвандҳои хурмои шаркӣ ба часпиши муғчаҳо ва истеҳсоли ниҳоли пайванди / С.Ҳ. Раҳматов, С. Абдулоев // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028» - 2022.- С.41-42.

**[11-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Нашъу нумӯи ва маҳсулнокии хурмои шарқӣ вобаста аз тагпайванд дар шароити водии Ҳисор / С.Ҳ. Раҳматов// Маводҳои конференсияи илмии назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка» - 2022.- С.21-25.

**[12-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Фенологияи навъҳои хурмои шаркӣ вобаста ба минтақаҳо/ С.Ҳ. Раҳматов, З. Сафарова, Б.С. Холова // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ "Нақши олимони ҷавон дар рушди илм инноватсия ва технологияи кишоварзӣ" бахшида ба солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор 2018-2028" -2023.- С. 101-109.

**[13-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Производственно-хозяйственная эффективность плодов восточной хурмы в зависимости от различных почвенно-климатических регионов республике Таджикистан /С.Ҳ. Раҳматов // Международный научный журнал «IN THE WORLD OF SCIENCE AND EDUCATION» ОФ "Международный научно-исследовательский центр "Endless Light in Science" 15 июля Almaty, Kazakhstan -2025. - С.12-18.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 13.06.2025, Протоколи №7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" – 10 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

Раиси ҷаласа: н.и.к. Кароматов Ш.Ш.
Котиби ҷаласа: Шарипов Ш.И.

Имзоҳои Кароматов Ш.Ш.
ва Шарипов Ш.И. - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.